**Суратмаҷлиси № 65-и**
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-020
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 20-уми июни соли 2024 ш. Душанбе

Иштирок доштанд:
аз 15 нафар аъзои
шуро 11 нафар

**РӮЗНОМА:**

Қабул намудани диссертатсияи **Самиев Ҷумахон Саймуродович** дар мавзуи **«Хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ (роҳбари илмӣ: доктори илмҳои филологӣ **Олимӣ Хосият Ҳоким**) ба экспертизаи аввалия ва таъин намудани комиссияи экспертӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Ахбори раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Мақсудов Б. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Самиев Ҷумахон Саймуродович ба шурои диссертатсионӣ.

**БАРОМАД КАРД:**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ Сироҷиддини Эмомалӣ маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳо, автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Самиев Ҷумахон Саймуродович ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошанд.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ба экспертизаи аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Самиев Ҷумахон Саймуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва накди матни «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

– **Мисбоҳиддини Нарзиқул** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ, раиси комиссияи экспертӣ;

– **Низомӣ Муҳриддин Зайниддин** – доктори илмҳои филологӣ, узви шурои диссертатсионӣ, узви комиссияи экспертӣ;

– **Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, узви комиссияи экспертӣ.

**Қарор бо овоздиҳии ошкоро якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мақсудов Бадриддин

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Сироҷиддини Эмомалӣ